***ТДУ 9(М)03***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-25-32***

# *САҲМИ ОЛИМОНИ ТОҶИК ДАР ОМӮЗИШИ “МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ”-И МУҲАММАД ҲАКИМХОН*

***Абдукаримов Ҷамолиддин Аҳмадалиевич,*** *н.и.т., дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров (Тоҷикистон,Хуҷанд)*

# *ВКЛАД ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ В ИЗУЧЕНИЕ "МУНТАХАБ-УТ ТАВАРИХ" МУХАММАДА ХАКИМХАНА*

***Абдукаримов Джамолиддин Ахмадалиевич,*** *к.и.н., доцент кафедры истории таджикского народа ГОУ “ХГУ имени акад.Б.Гафурова” (Таджикистан, Худжанд)*

# *CONTRIBUTION OF TAJIKS SCIENTISTS INTO THE STUDY OF "MUNTAKHAB AT TAVARIKH" BY MUHAMMAD HAKIMKHON*

***Abdukarimov Jamoliddin Ahmadalievich,*** *candidate of historical sciences, Associate Professor of the department of the history of Tajik nations under the SEI “KhSU named after acad. B.Gafurov” (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *abdukarimov_1979@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *“Мунтахаб-ут-таворих”, Муҳаммад Ҳакимхон, А. Мухторов, Қӯқанд, Ӯротеппа, Хуҷанд, таърихнигорӣ, адабиётшиносӣ*

*Дар мақола сухан дар бораи саҳми олимони тоҷик дар омӯзиши яке аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ-“Мунтахаб-ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон меравад. Мақолаҳои илмӣ ва асарҳои олимони давраи шӯравӣ ва муосири тоҷик, ки доир ба аҳамият ва арзиши илмии асари Муҳаммад Ҳакимхон таҳия намудаанд, ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.Таъкид шудааст, ки дар таҳқиқ ва омӯзиши “Мунтахаб-ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон саҳми олимони давраи шӯравӣ ва муосири тоҷик А. Мухторов, А.Ҷалилов, Ю.Малтсев,У.Каримов, А. Мирзоев, З. Абдулазизова, С. Султон, А. Муродов, Ҷ. Абдукаримов хеле назаррас буда, омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи ин сарчашмаи мӯътамади таърихӣ дар замони муосир низ идома дорад.*

***Ключевые слова:*** *“Мунтахаб-ут-таворих”, Мухаммад Хакимхан, А. Мухтаров, Коканд, Ура-тюбе, Худжанд, историография, литературоведение*

*Рассматривается вклад таджикских ученых в изучение одного из уникального исторического источника «Мунтахаб ат-таврих» Мухаммада Хакимхана. Проанализированы научные статьи и труды советских и современных таджикских ученых о важности и научной ценности сочинения Мухаммада Хакимхана. Подчеркивается, что вклад советских и современных таджикских ученых, таких как А. Мухтаров, А.Джалилов, Ю.Мальцев, У. Каримов, А. Мирзаев, З. Абдулазизова, С. Султон, А. Мурадов, Дж. Абдукаримов, весьма значителен и изучение различных аспектов этого достоверного источника продолжается в современной науке о истории.*

***Key words:*** *"Muntakhab-ul-Taworikh", Muhammad Hakimkhon, A.Mukhtarov, Kokand, Uru-teppa, Khujand, historiography, literary studies.*

*The article under dwells on the issue concerned with Tajik scientists` contribution into the study of one of the unique historical sources entitled as “Muntakhab at-tawroikh” by Muhammad Hakimkhon. Into the bargain, in his article the author conducts an analysis beset with scientific articles and works belonging to the pen of Soviet and modern Tajik scientists on the importance and scientific value of Muhammad Khakimkhon`s composition. The article emphasizes that the contribution of Soviet and modern Tajik scientists A. Mukhtarov, Jalilov A., Maltsev Yu., U. Karimov, A. Mirzaev, Z. Abdulazizova, S. Sultan, A. Muradov, J. Abdukarimova is very significant, and the study of various aspects of this reliable source of history continues.*

“Мунтахаб-ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон яке аз дурдонаҳои хаттии ҳавзаи таърихнигории Ҳуқанд ба ҳисоб рафта, соли 1843 дар шаҳри Китоб аз ҷониби ибни Маъсумхон таълиф шудааст. Асари мазкур аз панҷ боб, дувоздаҳ тоифа (фасл) иборат буда, ҳудуди замонии он аз “офариниши олам” то оғози солҳои 40-уми асри XIX-ро дарбар мегирад.

«Мунтахаб-ут-таворих» фарогири маълумоти хеле нодири таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофию этнографӣ буда, хусусияти энсиклопедӣ дорад ва аз ин рӯ, таваҷҷуҳи мутахассисони гуногунро

ба худ ҷалб кардааст. Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхонро муаррихон, адабиётшиносон, ҷуғрофишиносон ва дигар муҳаққикон дар тадқиқоти худ васеъ истифода бурдаанд.

Муҳаққиқони шӯравӣ ва муосири тоҷик ба асари Муҳаммад Ҳакимхон чун манбаи нодир таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, дар нашрияҳои гуногун доир ба он асару маколаҳои хешро ба табъ расонидаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар тадқиқоти бунёдии таърихи халқи тоҷик доир ба аҳамияти илмии сарчашмаи мӯътамади таърихӣ «Мунтахаб ат-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон маълумот дода шудааст [17,с.18].

Саҳму хидмати академик А.Мухторов дар пажӯҳишу омӯзиш, дастраси аҳли илм ва ҳаводорони таърихи ниёгон гардонидани сарчашмаи мазкур шоистаи таҳсин буда, солҳои 1983, 1985 ӯ аз рӯи нусхаи аслии асари Муҳаммад Ҳакимхон чопи факсимилии онро бо муқаддимаи муфассал, шаҳру тавзеҳот дастраси хонандагон гардонидааст. Нашри асар аз сабаби бузургҳаҷмӣ ва техникӣ, чопи полиграфӣ дар ду ҷилд сурат гирифтааст. Ҷилди аввал бо муқаддимаи муфассали А.Мухторов ва факсимилии матни «Мунтахаб-ут-таворих», ҷилди дувум идомаи факсимилии матн, муқаддима (бо ҳуруфоти арабӣ), феҳристи ном ва истилоҳоти ҷуғрофиро дар бар мегирад [32]. Ховаршиноси маъруф А.Н.Болдирев дар номаи муборакбодӣ ба унвони таҳиякунандаи асари мазкур академик А. Мухторов аҳамияти ин кори муҳими илмиро хосатан қайд намуда, чунин нигошта буд: « Аз самими қалб Шуморо ба муносибати анҷоми нашри асари гаронбаҳо муборакбод мегӯям. Ин кор оғози иқдоми басо муфидест, ки олимони тоҷик шурӯъ кардаанд. Чунин мепиндорам, ки нақшаи интишороти минбаъда мураттаб шудааст ва ганҷинаи дастхатҳои ҷумҳурӣ ҳарчи бештару беҳтар мавриди истифода қарор мегирад” [4,С.45-49].

Дар муқаддимаи муфассали академик А. Мухторов таҳлили нусхашиносии асар, манбаҳои он, нақши “Мунтахаб-ут-таворих” дар таърихнигории асри XIX, ҳаёт ва фаъолияти муаллифи асар Муҳаммад Ҳакимхон инъикоси худро ёфтааст [33,с.6].

Инчунин дар асарҳои ба таърихи мулки Ӯротеппа дар асрҳои XIV- XIX-и академик А. Мухторов маълумоти “Мунтахаб-ут-таворих” ба таври фаровон истифода гаштааст [25; 27;28].

Дар мақолаҳои илмии А. Ҷалилов ва Ю. Малсев [20,С.107-108], И. Раҳматов [29] доир ба аҳамияти таърихӣ, ҳаёт ва фаъолияти муаллифи асар, саёҳаташ, хоса нақши “Мунтахаб-ут-таворих” дар омӯзиши таърихи ҳаракатҳои мардумӣ дар нимаи аввали асри XIX эътибори махсус дода шудааст.

Дар таҳқиқу омӯзиши “Мунтахаб-ут-таворих” саҳми муаллифи сатрҳои мазкур низ мавҷуд буда, мо дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва омӯзиш дар мавзӯи “Вазъи сиёсии мулкҳои Ӯротеппа ва Хуҷанд дар ибтидои асри XVIII то солҳои 40-уми асри XIX” (мувофиқи ахбори “Мунтахаб- ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон) рисолаи номзадиро ҳимоя намудем[12]. Доир ба аҳамияти таърихӣ, таърихи омӯзиш, нақши “Мунтахаб ут-таворих” дар таърихнигории ҳавзаи таърихнигории Хуқанд, ҳаёт ва саёҳатҳои муаллифи асар Муҳаммад Ҳакимхон ду асар [11, с.33] ва зиёда аз 30 мақолаи илмӣ [1;2;3;4;5;6;7;8;9;10;13;14;15] таълиф намудааст.

Инчунин Матлубахон Маннонова зери раҳбарии муаллифи сатрҳои мазкур корҳои таҳқиқотии магистриро анҷом дода, боби панҷум тоифаи ёздаҳуми “Мунтахаб ут-таворих”, ки ба таърихи сулолаи Манғития бахшида шудааст, дар асоси муқоисаи нусхаҳои гуногуни асар бо ҳуруфоти кириллӣ ба чоп омода намудааст [19].

Муҳаққиқи сарчашмаҳои давраи ҳукмронии Темуриён, номзади илмҳои таърих, дотсент Аҳмадхон Муродов дар ҷараёни таҳқиқоти илмии хеш ба аҳамияти илмии маълумоти “Мунтахаб ут -таворих” дар омӯзиши таърихи ин давра эътибори махсус додааст. Тибқи андешаи олим ин сарчашмаи нодири таърихӣ дар омӯзиши паҳлӯҳои муҳими давраи ҳукмронии хонадони Темуриён муҳим аст, вале ин сарчашма аз мадди назари муҳаққиқони таърихи ин давра дур мондааст ва сабаби асосии онро ба мавҷудияти баъзе нуқсону камбудиҳо маъмумотҳои Муҳаммад Ҳакимхон вобаста намудааст [24,С.74-76].

«Мунтахаб ут-таворих» сарчашмаи нодири адабӣ низ ба ҳисоб рафта, дар омӯзиши таърихи адабиёти классикии тоҷику ӯзбек дар асрҳои XVIII-XIX аҳамияти калон дорад. Муҳаммад Ҳакимхон дар таълифи асари худ аз намунаҳои шоир ва адибони маъруфи Шарқ Ибни Сино, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Паҳлавон Маҳмуд, Низомӣ, Алишери Навоӣ, Бедил, Хусрави Деҳлавӣ, Иноятулло Канбу, Аҳмад ибни Юсуф, шоирони ҳавзаи адабии Қӯқанд Фазлӣ, Акмал Шери Хӯқандӣ, Нусрат, Беҳҷат, Амирӣ (амир Умархон), ва хони Хоразм Муҳаммадраҳимхони 1 ба таври моҳирона ва бомаврид овардааст. Инчунин бо мақсади ороиши бадеии асар аз

масалу мақолҳои халқии фору тоҷик, ӯзбек, араб овардааст. Тибқи маълумоти Э. Хуршут муаллифи асар як мақоли чиниро низ истифода намудааст [23,с.7].

Академик А. Мухторов соли 1982 бо мақсади омӯзиши сарчашмаҳои маҳзанҳои илмии роҷеъ ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷик ба шаҳрҳои Деҳлӣ, Алигарх, Патна, Ҳайдаробод ва Рампури Хиндустон сафари илмиро амалӣ намуд. Тибқи маълумоти олим сарчашмаҳои таърихӣ ғайр аз китобхонаҳо дар осорхонаву бойгонии ин кишвар маҳфуз буда, фақат дар дар бойгонии шаҳри Ҳайдаробод 8915 адад сарчашмаҳои форсӣ ва 6337 адад арабӣ мавҷуд аст. Академик А. Мухторов дар омӯзиши таърихи муҳити адабии Ҳиндустон дар асри XVII ва ҳаёту фаъолияти намояндагони маъруфи он Нурҷаҳонбегим ва Зебунисо дар қатори сарчашмаҳои дигар ба маълумоти “Мунтахаб ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон такя намуда, аз он порчаҳо овардааст [26].

Дар фаъолияти илмии намояндаи маъруфи адабиёти советии тоҷик, шарқшинос, адабиётшинос, академик Абдулғанӣ Мирзоев таҳқиқу омӯзиши сарчашмаи таърихиву адабӣ ҷойгоҳи асосиро ташкил менамояд. Академик А. Мирзоев дар ҷараёни таҳқиқотҳои илмӣ ба аҳамияти таърихӣ ва адабии “Мунтахаб ут- таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷониби олим дар чанд шумораи маҷаллаи “Воҳид” хотираҳои Муҳаммад Ҳакимхонро роҷеъ ба Эрон нашр намудааст [22,с.273- 279, 405,с.418,С.519- 531].

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Усмон Каримов дар тадқиқоти илмии хеш доир ба таърихи адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи дуюми асри XIX дар қатори сарчашмаҳои давраи мазкур маълумоти “Мунтахаб ут- таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон чун манбаи нодири таърихӣ истифода намуда, дар ба эҷодиёти намояндагони адабиёти феодалӣ-клерикалӣ ва демократӣ дар асри XIX Султонхони Ато ва шоир ва табиб Ҷунайдулло Ҳозиқ маълумот додааст [21].

Дар фаъолияти илмии олими адабиётшинос, сарчашмашинос Саидумари Султон нақши “Мунтахаб ут-таворих” дар омӯзиши таърихи муҳити адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX ба таври махсус таъкид шудааст. С. Султон дар асоси ахбори Муҳаммад Ҳакимхон доир ба зиндагӣ ва фаъолияти шоирон Саидғозии Нола, Султонхони Адо, Тӯрахӯҷаи Афсус, Маҳмудхон, Тунқотур маълумот додааст [30].

Дар мақолаҳои илмии З. Абдулазизова доир ба сабабҳо, омилҳои ба кишвари Руссия бадарға гаштани муаллифи «Мунтахаб ат-таворих» Муҳаммад Ҳакимхон, нақши асари мазкур дар адабиёти тоҷик, забони асар, услуби бадеии асар маълумот дода шудааст [16,С.216-220].

Ҳоло низ олимони адабиётшинос ва забоншиносон ба таҳқиқу омӯзиши «Мунтахаб ут-таворих» таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда истодаанд. Абдунаим Султонов дар мавзӯи “Асари Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон “Мунтахаб ут-таврих” ва аҳамияти илмӣ ва адабии он” ба масъалаҳои таърихи омӯзиши асар, мазмун ва мундариҷаи он, нақши он ҳамчун сарчашмаи адабӣ, инъикоси ҳаёт ва фаъолияти шоирон, забон ва услуби бадеӣ, нусхаҳо, нашр ва тарҷумаҳои он эътибори махсус зоҳир намудааст, вале ба баъзе сабабҳо тадқиқоти мазкур пурра ҷамбаст нагаштааст [31].

Дар чанд шумораи рӯзномаи “Ҷумҳурият” мақолаҳои таҳиянамудаи рӯзноманигори маъруф, шоир, нависанда, файласуф Абдулқодири Раҳим нашр шуда буд. Навиштаҳои мавсуф воқеан ҷолиб буда, таваҷҷӯҳи муаррихон, дӯстдорони таърихро ба худ ҷалб менамояд.

Ин муаллиф дар асоси маълумоти “Мунтахаб ут-таворих”-и Муҳаммад Ҳакимхон Дар шумораи 12 январи соли 2021, № 7 (24114)-и “Ҷумҳурият” зери унвони “Корд задани девона амир Олимхонро” матолиберо ба чоп расонид, ки иштибоҳи маҳз аст. Зеро маълумоте, ки дар ин манбаъ оварда мешавад, на ба амири Бухоро Олимхон (1880-1944), солҳои ҳукмронияш (1910-1920), балки ба хони Қӯқанд Олимхон (1799-1810) мансуб аст.

“Мунтахаб ут -таворих”-ро Ҳакимхон солҳои 40-уми асри XIX оғоз намуда, онро соли 1843 ба итмом расонидааст. Дар ин асар бештар воқеаву рӯйдодҳои дар хонигарии Қӯқанд ба амал омада, тасвир ёфта, муаллиф, ки яке аз ашрофони олимақом ва ба дарбор наздик буд, дидаву шунидаҳои худро ба қалам овардааст. Дар ин асар доир ба аморати Бухоро, кишварҳои ҳамҷавор, саёҳатҳои муаллиф маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Асар бо сабку услубе, ки хоси сарчашмаҳои таърихӣ, ёддошту қайдҳои асримиёнагӣ аст, таълиф шуда, Муҳаммад Ҳакимхон нисбати Олимхон истилоҳи “амир”-ро корбаст намудааст ва шояд Абдулқодири Раҳим аз ин сабаб иштибоҳан инро ба амири Бухоро Олимхон нисбат додааст. Маълум аст, ки унвони ҳокимони Бухоро хон буд, амир Шоҳмурод худро амир эълон намуда, пас аз ин ҳокимони ин

мулкро амир ва Бухороро аморат мехонданд. Ҳокимони хонигарии Қӯқанд дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (амру фармонҳо, васиқаҳо, вақфномаҳо) ҳамчун хон номбар шудаанд.

Корд задани девона амир Олимхонро яке аз маълумоти ҷолиби “Мунтахаб-ут-таворих” ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллифи асар Муҳаммад Ҳакимхон ба таври муфассал баён гаштааст ва аз ҷониби таҳиягари мавод Абдуқодири Раҳим нуктаҳои асосии ин фасл интихоб гаштааст. Чи тавре, ки зикр шуд ҳодисаи мазкур на бо амири Бухоро Олимхон, балки бо хони Хуқанд Олимхон рӯй додааст. Амири Бухоро Олимхон баъди қариб сад соли воқеаҳои дар асари Муҳаммад Ҳакимхон тасвир ёфта, ҳукмронӣ намудааст ва худи асар низ соли 1843 ба итмом расида, амири Бухоро соли 1880 ба дунё омадааст ва ба ҳеч ваҷҳ ӯ гирифтори ҳамлаи шахси девона нагаштааст. Мувофиқи ахбори Ҳакимхонтӯра хони Қӯқанд Олимхон нафари ҳамлакардаро ҳамеша масхара менамуд ва аз ин сабаб боиси қаҳру ғазаб ва таҷовузи ӯ гардид.

Воқеан таҳиягари мавод оид ба амир Олимхон рӯзноманигор Абдулқодири Раҳим дуруст қайд мекунад, ки муаллифи “Мунтахаб-ут-таворих” Муҳаммад Ҳакимхон дар асари худ бидъату хурофот ва нодониро, ки дар ин давра хеле авҷ гирифта буд, маҳкум менамояд.

Гарчанде, ки Муҳаммад Ҳакимхон зулму истибдод ва ҷангҳои ғоратгаронаи ин давраро маҳкум карда бошад ҳам, тадбирҳои амалӣ намудаи хони Хуқанд Олимхонро зидди хурофот дастгирӣ менамояд.

Муттаасифона, бидъату хурофот чун падидаҳои номатлуб дар байни мардум то ҳол мавҷуд аст, муаллифи ин сатрҳо ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда, чанд мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавиро интишор намуда буд.

Маводи дигари таҳия намудаи Абдулқодири Раҳим зери унвони “Гиёҳи мардумфиреб” (Ҷумҳурият.-2021.- 4 февр.) мебошад, ки дар он низ маълумоти “Мунтахаб-ут-таворих” оид ба амалҳои хурофотии давраи ҳукмронии хони Хуқанд Муҳаммадалихон (Мадалихон) (1822-1842) инъикоси худро ёфтааст. Нашри чунин мавод барои дарки решаҳои асосии пайдоиш ва зарари амалҳои хурофотӣ имруз хеле зарур аст, аммо ба назар чунин мерасад, ки дар ҷараёни таҳияи он низ ба баъзе ишбоҳҳот роҳ дода шудааст.

Муҳаммад Ҳакимхон дар асараш доир ба авҷ гирифтани бидъату хурофот ва ба вуҷуд омадани зиёратгоҳҳои қалбакӣ дар аҳди Муҳаммадалихонро чунин ёдовар мегардад: “Зубдаи калом он ки қабл аз ин муқаддима чанд сол пеш шайхи аблаҳ фиреб шайхча ном, гиёҳе дар Ҳиндустон бар лаби дарёи Лоҳур мебошад ва ӯ ба саловоти шарифи ишқ аст. Ҳар вақт ки саловот хонанд, ӯ дар ҳаракат меояд. Бинобар он дағалбозони Ҳиндустон он гиёҳро гирифта “Муйи муборак”-и Ҳазрати наби алайҳисалом гуфта, мардумро фиреб дода, мол меситонанд ва он шайхча ҳам мисли ишон аз ҳамон мӯй оварда дид, ки аз Муҳаммадалихон аблаҳтар дар ин дунё намебошад, бинобар он ба ӯ дод, маблағе гирифта буд ва Муҳаммадалихон он мӯйро гирифта дар қасри амир Умархон гузошта, зиёратгоҳ сохта буд ва муддате мардумони саҳроӣ зиёрат мекарданд...

Муаррихи ӯзбек Б.М. Бобоҷонов (Кокандское ханства: власть, политика, религия. - Токио-Ташкент, 2010.- 744 с.), хотираҳои Муҳаммад Ҳакимхонро дар шакли дигар, ки мазмуну моҳияти он куллан тағйир ёфтааст, пешниҳод намудааст: дар ин вақт дар Ҳиндустон шайхи фиребгар бо номи Гиёҳӣ зиндагӣ менамуд. Ӯ дар лаби дарёи Лоҳур мезист. Фиребгарон мӯйи ӯро бурида, эълон намуданд, ки он ба Пайғамбар таaллуқ дорад.

Иштибоҳи таҳиягари матни мазкур Абдулқодири Раҳим дар он аст, ки “Шайхча” ном гиёҳе дар Ҳиндустон бар лаби дарёи Лоҳур мерустааст... навиштааст. Дар асари Муҳаммад Ҳакимхон сухан дар бораи як нафар шайхи фиребгар, ки гиёҳи дар Ҳиндустон рӯидаро “Мӯйи муборак”-и Ҳазрати наби алайҳисалом гуфта, мардумро ҳатто Муҳаммадалихонро фиреб додааст, меравад, на шайхи фиребгар бо номи “Гиёҳӣ” ва на “Шайхча” ном гиёҳе.

Маводи дигари таҳия намудаи А. Раҳим оид ба шаҳодати аморатпаноҳи Раҷабқушбегӣ шоистаи таҳсин ва дар замони муосир хеле зарур аст. Зеро доир ба шахсият ва нақшу химати Раҷабқушбегӣ, ки аз тоҷикони куҳистон буд, дар илми таърихнигории муосир ягон таҳқиқоти алоҳида мавҷуд нест.

Яке аз чунин шахсияти маъруфи ҳаёти сиёсии хонигарии Хуқанд дар нимаи аввали асри XIX Раҷабқушбегӣ ба ҳисоб меравад. Муаллифи “Мунтахаб ут -таворих” Муҳаммад Ҳакимхон дар рафти баёни воқеаҳои муҳими сиёсии хонигарии Хуқанд дар аҳди Олимхон ва Умархон доир ба фаъолияти густурдаи ҳарбии Раҷабқушбегӣ маълумоти хеле фаровону дақиқ додааст.

Иқдоми рӯзноманигори маъруф Абдулқодири Раҳим дар хусуси дастрас намудани маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва шахсиятҳои маъруф боиси дастгирӣ аст. Ба чанд иштибоҳе,

ки дар навиштаҳои муаллиф роҳ дода шудааст ва ба он ишора намудем, танҳо ба хотири роҳ надодан ба ғалат ва дақиққорони назар кардан ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ буд.

Ҳамин тариқ, дар таҳқиқ ва омӯзиши "Мунтахаб ат-таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон саҳми олимони давраи шӯравӣ ва муосири тоҷик хеле назаррас буда, омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи ин сарчашмаи мӯътамади таърихӣ дар илми таърихшиносӣ идома дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Абдукаримов, Ҷ. Хотираҳои муаллифи «Мунтахаб-ат -таворих» Муҳаммад Ҳакимхон доир ба кишвари Русия /Ҷ.Абдукаримов//Номаи донишгоҳ.Илмҳои ҷомеашиносӣ.- 2007.- № 2(15).- С.150-155.
2. Абдукаримов, Дж. Из истории изучения «Мунтахаб ат-таворих» Мухаммада Хакимхана/ Дж. Абдукаримов//Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон.- 2008. - № 1(41).- С.-64-69.
3. Абдукаримов, Ҷ. Маълумоти "Мунтахаб ут- таворих" доир ба воқеаҳои сиёсии нимаи аввали асри XIX ва баъзе ашхоси маъруфи хонигарии Хуқанд /Ҷ.Абдукаримов//Ахбори ДДҲБСТ . Силсилаи илмҳои гуманитарӣ.-.2017.- № 3 (72). - С. 25- 33.
4. Абдукаримов, Ҷ. Саҳми академик А. Мухторов дар омӯзиши "Мунтахаб ут- таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон/Ҷ.Абдукаримов//Шахсутуни илми таърих: маҷмӯи мақолаҳо бахшида ба 90 - солагии академик А. Мухторов. Душанбе, 2015.- С.- 45-49.
5. Абдукаримов, Ж. Қўқон хонлиги ижтимоий- сиёсий ҳаётида тожикларнинг ўрни ("Мунтахаб ат-таворих" асари материаллари асосида) /Ж.Абдукаримов//Фарғона водийси тарихи янги тадқиқотларда мавзусидаги халқаро илмий конференсия материаллари. Фарғона, 2019.- С.- 161- 164.
6. Абдукаримов, Дж. Воспоминания автора "Мунтахаб ат- таварих" Мухаммеда Хакимхана о России/Дж.Абдукаримов//Материалы V1 Международной научно-практической конференции "Аклуальные проблемы науки и образование в современном вузе".- Стерлитамак, 2019.- С.198-203.
7. Абдукаримов, Ҷ. Саҳми олимони ӯзбек дар омӯзиши "Мунтахаб ут- таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон /Ҷ.Абдукаримов//Материалы международной научно-практической конференции «Социально-экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана и Узбекистана: история и современность». - Худжанд, 21-22 июня 2019 года. - С.42-46.
8. Абдукаримов, Дж. Вклад русских дореволюционных и советских ученых в изучение "Мунтахат ат-таварих" Мухаммеда Хакимхана/Дж. Абдукаримов//Сборник материалов международной научной конференции, посвящённой 200-летию Российского востоковедения "Вклад Российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана".- Серия "Евразийский перекресток". Вып. 11.- Оренбург- Худжанд, 2019.- С. 265- 270.
9. Абдукаримов, Ж. «Мунтахаб ат-таворих» нодир тарихий ва географик манба/Ж. Абдукаримов/Ж.Абдукаримов//Материалы международной научно-практической конференции.- Пенджикент, 2019. -С. 805- 807.
10. Абдукаримов, Ж. "Мунтахаб ат-таворих" географик адабиётининг саргузашт-саёҳат жанрига оид нодир манба/Ж. Абдукаримов//Материалы международной научно-практической конференции «История цивилизаций и шелковый путь в Азии», 21 августа 2019 г., Самарканд.– С. 140-142.
11. Абдукаримов, Дж. Отражение истории Ура-Тюбе и Худжанда в «Мунтахаб ат-таварих» Мухаммада Хакимхана/Дж. Абдукаримов. Худжанд: Нури маърифат, 2020. 190 с.
12. Абдукаримов, Дж.А. Политическое положение Ура-Тюбинского владения и Худжанда в начале XVIII- до 40-х гг. XIX в. (по материалам «Мунтахаб ат-таварих» Мухаммада Хакимхана) /Дж.А. Абдукаримов.- Автореф. дис. канд. ист. наук.- Душанбе, 2020.- 26 с.
13. Абдукаримов, Ж. "Мунтахаб ат-таворих" асари муаллифи Муҳаммад Ҳакимхон амир Шоҳмурод ҳақида/Ж. Абдукаримов// Oriental art and culture.- Kokand, 2020.- 39-45.
14. Абдукаримов, Ж. Тожик олимларининг Муҳаммад Ҳакимхоннинг "Мунтахаб ат- таворих" асарини ўрганиш бўйича тадқиқотлари/Ж. Абдукаримов//Фарғона водийси тарихининг долзарб муаммолари илмий анжумани материаллари.- Наманган, 2020.- 308-312 б.
15. Абдукаримов, Ж. Муҳаммад Ҳакимхон Миср таълим тизими айрим хусусиятлари ҳақида/Ж. Абдукаримов//Ўзбекистонда илмий амалий тадқиқотлар мавзусидаги конференсия материаллари.- Тошкент, 2020.- 126-128 б.

16. Абдулазизова, З. Изгнание Мухаммада Хакимхана в Россию и его вклад в таджикскую литературу/ З. Абдулазизова// Вестник университета.– 2011.- № 3 (34).– с. 216-220.
17. Гафуров, Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении/Б.Г. Гафуров. - Москва, 1952. -С. 379.
18. Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история/Б.Г. Гафуров. -М., 1972. -С. 160;
19. Гузидае аз "Мунтахаб ат-таворих" (Таърихи сулолаи Манғитияи Бухоро). Баргардонанда аз ҳуруфи арабиасоси тоҷики ба кириллӣ, ба чоп ҳозиркунандаи матн, муаллифи муқаддима, луғат, феҳрист М. Маннонова. Хуҷанд: Ношир, 2022.- 208 с.
20. Джалилов, А.«Избранные истории» Хакимхана – источник для изучения народных движений в Средней Азии первой половины Х1Х в./А. Джалилов, Ю. Мальцев// Известия АН Таджикской ССР. Отделение общественных наук. 1985. № 1. - С. 107-108.
21. Каримов, У. Адабиёти точик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX./ У. Каримов.- Душанбе, 1974.– 188 с.
22. Мирзоев, А. Хотираҳои Ҳакимхан рожеъ ба Ирон/ А. Мирзоев/ Вахид.– 1351.– № 102, 103, 104.– С. 273- 279, 405- 418, 519- 531.
23. Мухаммадҳакимхон Тӯра. Мунтахаб ат-таворих. Форс- тожик тилидан таржимон, муқаддима ва изоҳлар муаллифи Шодмон Вохидов. Тошкент: Янги аср авлоди, 2006. -716 с.
24. Муродов, А.А. Инъикоси баъзе паҳлӯҳои таърихи хонадони Темуриён дар "Мунтахаб ат-таворих"-и Муҳаммад Ҳакимхон/А.А. Муродов// Вестник Таджикского государственного педагогического университета.- Душанбе, 2014.- № 6(61).-С. 74-76.
25. Мухторов, А.М. Очерки истории Уратюбинского владения в XIX в. /А.М. Мухторов.- Душанбе, 1964. -200 с.
26. Мухторов, А.М. Дурдонахои маданияти точикон дар ганчинахои Хиндустон/А.М. Мухторов.- Душанбе, 1984.- 208 с.
27. Мухторов, А.М. Ҳокимони Ӯротеппа/А.М. Мухторов. Душанбе, 1995. - 80 с.
28. Мухторов, А.М. История Уратюбе. (XVI-XIX) /А.М. Мухторов. М.,-1998. - 278 с.
29. Раҳматов, И. Таърихи мӯътамад/ И. Раҳматов// Садои Шарқ. 1988. - № 1.
30. Саидумари Султон. Таърихи доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX/ С. Султон.– Душанбе, 2002. – 232 с.
31. Султонов, А. А. «Мунтахаб-ут-таворих»-и Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон ва арзиши илмиву адабии он/ А. Султонов //Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03.– Адабиёти кишварҳои хориҷӣ.– Хуҷанд.– 2017.- 113 с.
32. Хакимхан. Мунтахаб ат-таварих/ Хакимхан. Подготовка факсимильного текста, введение и указатели А. Мухтарова. Книга первая. - Душанбе, 1983.- 35.- 368 с.
33. Хотираҳои Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи сафари Русия. Баргардонанда аз ҳуруфи арабиасоси тоҷики ба кирилли, ба чоп ҳозиркунандаи матн, муаллифи муқаддима, тавзеҳот, луғат, феҳрист ва замима Ҷ. Абдукаримов. - Хуҷанд: Ношир, 2013. -104 с.

**REFERENCES:**

1. Abdukarimov J. Memoirs of the author entitled as "Muntakhab-at-taworikh" by Muhammad Hakimkhon about Russia // Scientific Notes of the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov. series of humanities and sociology. - Khujand, 2007. 2 (15). - P. 150-155.
2. Abdukarimov J. From the history of the study of "Muntakhab-at-taworikh" by Muhammad Hakimkhon // Bulletin of the Tajik National University. - Dushanbe, 2008. - № 1 (41). – P. 64-69.
3. Abdukarimov J. Information of "Muntakhab ut-taworikh" on political events referring to the first half of the XIX-th century and some outstanding entities Kukand Khanate // Bulletin of TSULBP. Series of humanitarian sciences. Khujand, 2017. № 3 (72). – P. 25- 33.
4. Abdukarimov J. Academician A. Mukhtorov`s contribution into the study of "Muntakhab-at-taworikh" by Muhammad Hakimkhon // Leader of historical science: collection of articles dedicated to the 90-th anniversary of academician A. Mukhtorov. - Dushanbe, 2015. – P. 45-49.
5. Abdukarimov J. The role of Tajiks in socio-political life of Kokand khanate (based on the materials of the historical production entitled as "Muntakhab-at-taworikh") // Materials of the international scientific conference on the history of Fergana Valley in new research. - Fergana, 2019. – P. 161-164.
6. Abdukarimov J. Memoirs of the author of "Muntakhab at-taworikh" by Muhammad Khakimkhon about Russia // Materials of the VI-th international scientific and practical conference "Actual problems of science and education in modern university" - Sterlimatak, 2019. - P. 198-203.

7. Abdukarimov J. Contribution of Uzbek scientist into the study of “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon // Materials of the international scientific-practical conference “Socio-economic and cultural cooperation between Tajikistan and Uzbekistan: history and modernity”. - Khujand, June 21-22, 2019. – P. 42-46.
8. Abdukarimov J. Russian pre-revolutionary and Soviet scientists` contribution into the study of “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon // Collection of materials of the international scientific conference dedicated to the 200-th anniversary of Russian oriental studies “Contribution of Russian science into the study of unique historical, cultural and natural wealth of Tajikistan”. Series “Eurasian Crossroads”. Issue. 11. - Orenburg-Khujand, 2019. - P. 265-270.
9. Abdukarimov J. “Muntakhab at-taworikh” is considered to be a rare historical and geographical source / J. Abdukarimov // Materials of the international scientifico-practical conference. Panjakent, 2019. – P. 805- 807.
10. Abdukarimov J. “Muntakhab at-taworikh” is considered to be a rare source in the adventure-travel genre of geographical literature / J. Abdukarimov // Materials of the international scientifico-practical conference “The History of Civilizations and the Silk Road in Asia”, August 21, 2019, - Samarkand. - P. 140-142.
11. Abdukarimov J. Reflection of the history of Ura-tube and Khujand in “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon / J. Abdukarimov. - Khujand: Light of Enlightenment, 2020. - 190 p.
12. Abdukarimov J.A. Political situation of Ura-tube possession and Khujand referring to the early XVIII-th-40-ies the XIX-th century (based on the materials of “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon) / J.A. Abdukarimov / synopsis of candidate dissertation in history. - Dushanbe, 2020. - 26 p.
13. Abdukarimov J. “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon about Amir Shohmurod / J. Abdukarimov // Oriental art and culture. - Kokand, 2020. – P. 39-45.
14. Abdukarimov J. Researches done by Tajik scholars on the study of “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon / J. Abdukarimov // Materials of scientific conference on current issues in the history of Fergana Valley. - Namangan, 2020. – P. 308-312.
15. Abdukarimov J. Muhammad Hakimkhon on some features of the Egyptian educational system / J. Abdukarimov // Materials of scientifico-practical research conference in Uzbekistan. - Tashkent, 2020. – P. 126-128.
16. Abdulazizova Z. Muhammad Khakimkhon`s Exile to Russia and his contribution into Tajik literature / Z. Abdulazizova // Bulletin of the University. - 2011. - No. 3 (34). - P. 216-220.
17. Gafurov B.G. The history of the Tajik people in brief / B.G. Gafurov. - Moscow, 1952. – P. 379.
18. Gafurov B.G. Tajiks. The ancientest, ancient and medieval history / B.G. Gafurov. -M., 1972. – P. 160.
19. Excerpt from "Muntahab al-Tawarih" (History of Mangitiya dynasty of Bukhara). Translated from the Tajik-based Arabic script into Cyrillic, published the text, author of the introduction, dictionary, catalog M. Mannonova. Khujand: Publisher, 2022.- 208 p.
20. Jalilov A., Maltsev Yu. “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon being a source for the study of popular movements in Central Asia referring to the first half of the XIX-th century / A. Jalilov, Yu. Maltsev// Tiding of the Academy of Sciences of the Tajik SSR. Department of social sciences. 1985. No. 1. – P. 107-108.
21. Karimov U. Tajik literature referring to the second half of the XVIII-th century and the beginning of the XIX-th centuries /U. Karimov. - Dushanbe, 1974. - 188 p.
22. Mirzoev A. Hakimkhon`s Memoirs on Iran / A. Mirzoev / Vahid. – 1351.– № 102, 103, 104.– P. 273- 279, 405- 418, 519- 531.
23. Muhammadhakimkhon Tura. Muntakhab at-taworikh. Translated from Persian-Tajik, author of introduction and commentary Shodmon Vohidov. - Tashkent: Yangi asr avlodi, 2006. - 716 p.
24. Murodov A.A. Reflection of some aspects of the history of Timurids dynasty in “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon / A.A. Murodov // Bulletin of the Tajik State Pedagogical University. - Dushanbe, 2014. - № 6 (61). - P. 74-76.
25. Mukhtorov A.M. Essays on the history of Ura-Tube possession referring to the XIX-th century /A.M. Mukhtorov.-Dushanbe, 1964. - 200 p.
26. Mukhtorov A.M. Pearls of Tajik culture in Indian treasures / A.M. Mukhtorov. - Dushanbe, 1984. - 208 p.
27. Mukhtorov A.M. Uro-Tube Governors / A.M. Mukhtorov. - Dushanbe, 1995. – 80 p.
28. Mukhtorov A.M. The history of Ura-Tube. (XVI-XIX) / A.M. Mukhtorov. – M., 1998. – 278 p.

29. Rahmatov I. Reliable history / I. Rahmatov // The Voice of the Orient. 1988. № 1.
30. Saidumari Sultan. The History of Istaravshan literary circle referring to the second half of the XVIII-th century and the beginning of the XIX-th centuries / C. Sultan. - Dushanbe, 2002. - 232 p.
31. Sultonov A.A. “Muntakhab at-taworikh” by Muhammad Khakimkhon and its scientific and literary value / A. Sultonov // candidate dissertation on philology: 10.01.03.– Literature of foreign countries. – Khujand, - 2017. - 113 p.
32. Khakimkhon. Muntakhab at-taworikh / Hakimkhon. Preparation of the facsimile text, introduction and indexes by A. Mukhtarov. - B.1. - Dushanbe, 1983. 35+ 368 p.
33. Muhammad Hakimkhon`s memories about his visit to Russia. Translated from the Tajik into Arabic alphabet and Cyrillic, presented the text, introduced, commented the dictionary, catalog and appendix. By Abdukarimov. - Khujand: Publisher, 2013. - 104 p.